# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)**

Таҳқиқи адабиёти ҳиндӣ дар ҳамаи мароҳили таърихӣ дорои вежагиҳои хос буда, дар даврони истиқлоли давлатӣ вусъати тоза ёфт. Умуман, таҳқиқи осори бадеӣ, бавижа ҷанбаҳои ҳунарии ин ё он роман амрест сангину заҳматталаб. Аз он ҷо, ки дарёфти назокати тасвир дар роман, таҳқиқу баррасии вижагиҳои ҳунарии як нависанда бо нависандаи дигар, муайян кардани такомули ҳунари адабии нависанда аз асар то асар таҷриба ва омодагии муносиби ҳирфаиро тақозо мекунад. Аз ҷониби дигар, тасвири симои зан дар адабиёти ҷаҳон, бавижа адабиёти шарқ ҳамеша кори душвор будааст. Зеро дар як тарафи тасвири симои мазкур назокати азалии ӯ, дар тарафи дигари он, ҳунари бадеии шоир, аз ҷониби сеюм, ба инобат гирифтани зан – модари ин ё он халқу миллат, офаридани чеҳраи бадеии зан-модарро барои ҳар гуна адиб сахт мушкил кардааст. Бо дарназардошти ин нукта, ҳанӯз наметавон иддао дошт, ки дар тули солҳо паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкури адабӣ – тасвири симои зан дар ин ё он адабиёти халқу миллат, мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди ин, дар илми адабиётшиносии мо таҳқиқи равишманди ин масъала дар даврони истиқлоли давлатӣ шуруъ гардида, чанд рисола дар ин замина таълиф шуда, ки аз дидгоҳи гуногун масъалаи мазкурро дар густураи баррасиҳо қарор додаанд. Диссертатсияи мавриди баҳси мо низ яке дар раҳгузори ҳамин ҷустуҷӯҳост, ки аз як ҷониб пажӯҳиши ин гуна мавзуот аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик барои равобити ҳасанаи адабии Тоҷикистону Ҳиндустон ҳоизи аҳаммият бошанд, аз ҷониби дигар, дастоварди хуб барои илми адабиётшиносии мост.

Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба симои бадеии зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»-и ин адиби ҳиндӣ) дар адабиётшиносии тоҷик пажуҳиши ҷудогонаи илмӣ дар шакли диссертатсия анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи

номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Премчанд адибест, ки ба воситаи адабиёт барои дарки вазъу ҳолат ва масъалаҳои гуногунпаҳлуи мардуми одӣ боҷуръат қадам гузоштааст. Адиб дар асарҳояш дунёеро ба қалам додааст, ки дар он аз ҳама бештар воқеият, ҳақиқат ва инсондӯстӣ ба назар мерасад» (автореферат, с. 3-4).

Агарчи то ба имрӯз рӯйи паҳлуҳои гуногуни осори Премчанд, бавижа романҳои «Нирмала» ва «Камомад»-и ӯ таҳқиқоти зиёд дар илми адабиётшиносии Ҳиндустону Тоҷикистон ва шарқшиносии рус мавҷуд аст, таваҷҷуҳи Ёрова Сабоҳат Нуровнаро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – тасвири симои зан ва хислатҳои ӯ, ба мисли хушахлоқӣ, вафодорӣ, меҳнатдӯстӣ, боҷуръатӣ дар романҳои мазкури адиби ҳиндӣ ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ Раҷабов Ҳабибулло кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навоварии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик тасвири бадеии симои зан, одатҳои аз гузашта меросмонда, хурофот ва паст кардани шаъну шарафи инсонии занони ҳиндӣ дар такя бо романҳои «Нирмала» ва «Камомад»-и Премчанд мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз дар Тоҷикистон масъалаи мазкур мавриди пажуҳиши илмӣ қарор надошт.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти тоҷикӣ ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводди назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводди интишоргардида**

нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна аз муқаддима, 4 боб, 10 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, баррасиҳо ва натиҷагириҳои мантиқии илмӣ ба назар мерасанд.

Дар автореферат мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори Премчанд (нависандан ҳиндӣ) аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Хулосаи автореферат**и Ёрова Сабоҳат Нуровна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 16 банд фароҳам омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар автореферат баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Бо дарназардошти маъруфияти Премчанд ва рӯйи кор омадани таҳқиқоти зиёд доир ба осори ӯ бахши "дараҷаи таҳқиқ" - и диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна пурра нест.

2. Автореферат аз ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва нагузоштани аломатҳои китобат орӣ нест (автореферат с.3, 4, 5, 7, 8, 10, 11, 14, 16, 17, 18, 21, 23).

3. Дар қисми аввали хулосаи автореферат омадааст, ки "сарнавишти ҳар як зан худ як мавзуи алоҳида, як қиссаи зиндагӣ мебошад. Баъзан аз ҷониби ашхоси инсондӯст ва дилсӯз чунин суханҳо садо медиҳанд, ки дар бораи занҳои Ҳиндустон фақат ҳикоят кардан кам аст, балки онҳоро бо муҳаббат васфи бештаре карда, бахшида ба ин олиҳаи ҳусн сурудаҳо ва достонҳо навиштан лозим аст. Зеро танҳо мусиқӣ, назокат, меҳрубонӣ, ширинсуханӣ, матонат, вафодорӣ ва зебоии мафтункунандаи онҳоро ифода карда метавонад. Ба ин суханҳо, ки бебаҳс арзишманд будани занонро ифода мекунад, албатта, касе шубҳа надорад" (автореферат с.23-24). Ҷумлаи аввал дар доираи услуби илмӣ навишта нашуда, ҷумлаҳои дигар низ таҳрирталабанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ёрова Сабоҳат Нуровна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии **Ёрова С.Н.** дар мавзуи «**Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)**» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи **ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Америко ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)** сазовор мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва
ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Шариф Раҳмон

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 92 757 32 28:
E-mail: sssharif@mail.ru

Имзои Шарифзода Шариф Раҳмонро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33.
Телефон: (+992-37) 224-17-86; факс: 224-17-87.
E-mail: info@apa.tj
9 декабри соли 2024